**Ф А Р М О Н И**
**ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**У К А З**
**ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

Дар бораи масъалаҳои Муассисаи
давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади таъмини эҳтиёҷоти ҷумҳурӣ бо кадрҳои илмӣ, ф а р м о н м е д и ҳ а м:

1. Низомнома ва Сохтори Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ карда шаванд (замима мегарданд).

2. Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» минбаъд фаъолияти худро тибқи талаботи Низомномаи мазкур ба роҳ монад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон                Эмомалӣ Раҳмон

ш.Душанбе
17 июни соли 2015
№ 504